ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи «Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ» барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ).

Дар шароити муосири рушди низоми таҳсилот масъалаи такмили методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, бахусус забони англисӣ, яке аз самтҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад. Дар ин раванд истифодаи усулҳои фаъоли таълим, аз ҷумла бозиҳои дидактикӣ, барои баланд бардоштани самаранокии таълим, ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ ва рушди фаъолияти маърифатии хонандагону донишҷӯён аҳаммияти хосса дорад.

Аз ин лиҳоз, мавзуи диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи «Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ» мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳими методикаи таълими забони англисӣ бахшида шудааст.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки масъалаи нақш ва имкониятҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар раванди таълими забони англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аҳаммияти мавзуъ дар зарурати ҷустуҷӯи роҳу усулҳои муассири ташкили раванди таълим, баланд бардоштани шавқу рағбати омӯзандагон ба омӯзиши забони англисӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои истифодаи амалии донишҳои забонӣ зоҳир мегардад. Ҷанбаи муҳими таҳқиқоти мазкур баррасии имкониятҳои педагогӣ ва методии бозиҳои дидактикӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсилот мебошад. Истифодаи мақсадноки чунин бозиҳо метавонад барои ғанӣ гардидани захираи луғавӣ, азхудкунии сохторҳои грамматикӣ, рушди малакаҳои гуфтору шунидан ва ташаккули қобилияти муошират омӯзандагон мусоидат намояд. Ҳамзамон, бозиҳои дидактикӣ барои инкишофи тафаккури мустақил,

фаъолияти эҷодӣ, ҳамкорӣ ва иштироки фаъоли хонандагону донишҷӯён дар раванди таълим имконият фароҳам меоранд.

Муаллиф мақсади таҳқиқоти худро дар асосноксозии назариявии имкониятҳои бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ, эҷоди низоми мукаммали татбиқи мақсадноки онҳо ва тасдиқи таҷрибавии самаранокии ин методика дар раванди таълими донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қарор додааст.

Навгонии илмии таҳқиқоти пешниҳодшуда дар он ифода меёбад, ки дар он асосҳои назариявию методологии истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ ба низоми ягона дароварда шуда, маҷмуи принсипҳо ва шароитҳои педагогии самаранокии онҳо аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф таснифоти низомманди бозиҳои дидактикиро таҳия намуда, механизми методию пайдарпайи гузариши таълимгирандаро аз азхудкунии маводи забонӣ ба ҳамкории муоширатӣ муайян сохтааст. Дар кор низом ва технологияи мукаммали методӣ ҳамчун алгоритми марҳилавии фаъолияти педагогӣ сохта шуда, самаранокии он дар раванди озмоиши педагогӣ бо иштироки 240 нафар донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ тавассути таҳлили миқдорӣ, сифатӣ ва оморӣ комилан тасдиқ ва исбот гардидааст.

Аҳаммияти назариявии кор дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада моҳият ва имкониятҳои педагогии бозиҳои дидактикиро дар таълими забони англисӣ аниқ намуда, асосҳои назариявию методологии татбиқи онҳоро ба низом медароранд ва тасаввуроти илмиро оид ба ҷойгоҳи бозиҳо дар миёни усулҳои фаъоли омӯзиши забони хориҷӣ амиқтару мукаммалтар месозанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳо ва тавсияҳои методии он метавонанд дар фаъолияти омӯзгорони забони англисӣ, таҳияи маводи таълимӣ ва ташкили машғулиятҳои интерактивӣ истифода шаванд. Муқоисаи имкониятҳои татбиқи бозиҳои дидактикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

низ барои муайян намудани роҳҳои мувофиқи истифодаи ин усули таълим аҳаммияти муҳим дорад.

Автореферати пешниҳодшуда сохтори таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, барои шиносоӣ бо масъалаи таҳқиқшаванда, ҳадафу вазифаҳо, самтҳои асосии омӯзиш ва аҳаммияти мавзуъ замина фароҳам меорад. Мавзуи интихобшуда дорои аҳаммияти назариявию амалӣ буда, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар такмили раванди таълими забони англисӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои фаъоли педагогӣ саҳм гузоранд.

Дар баробари ин, барои боз ҳам баланд бардоштани арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқот дар автореферат натиҷаҳои мушаххаси санҷиши таҷрибавӣ, нишондиҳандаҳои муқоисавии самаранокии бозиҳои дидактикӣ ва тавсияҳои муфассал оид ба татбиқи онҳо дар зинаҳои гуногуни таҳсилот ба таври равшантар инъикос мегардид, кор ранги дигар мегирифт. Ин пешниҳод хусусияти тавсиявӣ дошта, барои тақвияти ҷанбаҳои амалӣ ва далелнокии натиҷаҳои таҳқиқот равона гардидааст.

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот ба раванди таълими забони англисӣ ворид карда шуда, самаранокии низоми методии пешниҳодшуда дар амалия тавассути гузаронидани озмоиши педагогӣ дар байни донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ тасдиқи комили худро ёфтааст.

Муаллиф сохтор ва ҳаҷми корро мутобиқ ба мақсад ва мантиқи пайдарпайи таҳқиқоти илмӣ роҳандозӣ намудааст, ки он муқаддима, панҷ боби асосӣ, хулосаҳову тавсияҳои амалӣ, феҳристи манбаъҳои адабӣ ва бахши замимаҳоро дар ҳаҷми умумии 380 саҳифа муттаҳид месозад.

Дар маҷмуъ, автореферат ба диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи **«Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ»** таҳқиқоти анҷомёфта, мустақилона ва арзиши илмӣ дошта буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «28» августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи

илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент,
муовини директор оид ба тарбия ва рушди
ҷавонони Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд **Аҳрорӣ Гулчехрахон Усмонзода**

Суроға:
735699, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ш. Хуҷанд, кӯчаи С.Ҳофиз 214
Тел: (992)92-7422565.
E-mail: g_ahrorova71@mail.ru

Имзои доктори илмҳои педагогӣ, дотсент,
муовини директор оид ба тарбия ва рушди
ҷавонони Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Г.У.Аҳрориро
тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Усмонзода Шаҳзод Усмон**
дар шаҳри Хуҷанд
"10" октября 2026

Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
хиёбони И. Сомонӣ-169, www.iet.tj,

E-mail: info@iet.tj, тел: 83422 6-03-21